## Хулосаи

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Аз 10. 09. 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна ба яке аз мавзӯъҳои муҳими илми рӯзноманигории муосир – проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст.

**Аҳаммияти интихоби мавзӯъ**, пеш аз ҳама, он аст, ки бори аввал нақши матбуоти муосири тоҷик дар мунъакис намудани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули нуфузи муҳоҷири тоҷик бо баррасии ҷанбаҳои таърихию ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ доираи мавзӯву мундариҷа, мушкилӣ ғановати жанрӣ ва амсоли ин таҳлилу баррасӣ шудааст. Муҳоҷират таърихи қадима дошта бошад ҳам, он дар ҳар давра ба мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ будааст. Бахусус дар замони муосир, ки ҷараёни ҷаҳонишавӣ босуръат идома дорад, муҳоҷирати меҳнатӣ ба мушкилотҳои умдаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳову давлатҳо шинохта шуда, микёси фарогири он низоми сиёсиву иҷтимоиро сахт нигарон ҳам кардааст. ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, ин мушкилотро на танҳо инъикос мекунад, балки дар ҳаллу фасли он мусоидат мекунад. Матбуоти даврии тоҷик ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, вазъи раванди муҳоҷират ва душвориҳои бевосита марбут ба онро пайваста инъикос намуда, чеҳраи сиёсӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, вазъи иҷтимоии муҳоҷирро ҳамчун намои зиндагӣ ба қолаб медарорад, ки шинохт ва арзёбии он аз нигоҳи илмӣ муҳим ва аҳамиятнок аст. Ба ин маънӣ, иқдоми унвонҷӯ ба пажӯҳиши ин масъалаи нисбатан кам таҳқиқшуда танҳо ба манфиати илми рӯзноманигории тоҷик хоҳад буд.

Кори диссертатсионии аз ҷиҳати сохтор ба талаботи методологӣ ва методҳои илмӣ мувофиқ буда, таҳлилу баррасиҳои муаллиф бо низоми муайяни мантиқӣ шакл гирифтаанд. Ин усул барои мантиқан ягонаву воҳид омода шудани кори диссертатсионии диссертатсия боис шуда, бозгӯи аҳаммияти методологиву методии он низ мебошад.

**Навгонии кори диссертатсионии** Сайфиддинова Г. А. дар он аст, ки ӯ бори аввал масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатиро дар матбуоти даврии тоҷик аз нигоҳи илми рӯзноманигорӣ мавриди пажӯҳиши кори диссертатсионӣ қарор дода, дар заминаи адабиёти илмӣ, назариявӣ, истифодаи сарчашмаҳо, проблема, вазъият ва ҳолати руҳию равонии муҳоҷирони тоҷикро муайян карда, накши нашрияҳои расмии «Ҷумҳурият» ва хусусии «Озодагон»-ро дар инъикоси ин масъала ва ташаккули симои муҳоҷири тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертант дар таҳқиқи мавзӯъ аз таҳлили муқоисавӣ ва контентӣ, ҳисобҳои оморӣ ва амсоли ин самаранок истифода намудааст. Дар баррасии мавзӯъ равиши ҳуқуқиву таърихӣ нисбатан бартарӣ дорад, ки барои таҷассум намудани заминаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ, тамоюлҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат кардааст.

Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ ба асарҳои илмию бунёдии муҳаққиқони рус А. Бандура, Ж. А. Зайончковская, С. К. Бондырев, Т. Н. Юдина, коршиносон А. Артиков, Х. У. Умаров, Р. Ӯлмасов, В. Н. Василенко, Ф. С. Исломов, Р. А. Абдулҳаев, М. Бобохонов, Н. Н.

Нуралиев, С. Олимова, муҳаққиқони ВАО-и тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. К. Усмонов, А. Азимов, М. Муқимов, М. Муродов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигарон такя намудааст, ки боиси таҳлилу баррасии масъалаҳои мавриди омӯзиш гардидааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ дар се боб ва шаш фасл тасниф шуда, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи пажӯҳишро фаро гирифтааст.

Кори диссертатсионӣ арзиши назариявӣ ва амалӣ дошта, барои дарку фаҳмиши ҳаёти муҳоҷирони тоҷик, мушкилии онҳо ва шинохти нуфузи муҳоҷирон дар кишварҳои дигар, бахусус Россия мусоидат менамояд. Муҳтавои кори диссертатсиониро метавон ҳангоми таълифи монография, васоити таълимӣ, семинарҳо, дарси интихобӣ, курси махсус таълими фанҳои таърихи матбуоти тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналистӣ ва ҳамчунин дар факултети таърих истифода кард.

Аҳамият, навгонӣ, ҷанбаи назарӣ ва амалии кори диссертатсионии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

**Хулоса**

Таҳқиқи кори диссертатсионии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)» аз нигоҳи интихоби мавзӯву объекти таҳқиқ, аҳамияти пажӯҳишу мубоҳисаҳои илмӣ ва таҳлилу хулосабарорӣ дақиқу амиқ эътимодбахш буда, он бо факту далел ва таҳлилу баррасиҳо асоснок карда шудааст. Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба ихтисоси 10.01.10–Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, пурра мувофиқат мекунад.

1. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (8 адад), ки 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида мебошад, мазмуни асосии рисоларо ифода мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад;

2. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои асосии кори диссертатсиониро фаро гирифтааст.

3. Дар кори диссертатсионӣ маводи фаровони илмӣ ва амалӣ дар шакли ишора, тавзеҳ ва иқтибос истифода шудааст, ки ба баррасии ҳаматарафаи мавзӯъ мусоидат кардааст. Иқтибосҳо ба номгӯйи адабиёти феҳрастшуда мувофиқат мекунанд.

4. Кори диссертатсионии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад, тавсия карда шавад:

**Муминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режисура, кино, телевизиони МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода;

**Раҳимҷонов Хушдил** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири маҷаллаи илмӣ-оммавии «Илм ва ҳаёт».

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — Саъдуллоев Ҷ. М.

Аъзоёни комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор, — Абдуллозода М. А.
узви Шӯрои диссертатсионӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — Азимов А. Х.